**№ 20047/412 аз 23.11.2023**

Мақомоти ҳудуди андоз

«Оид ба ҳисобкунии арзиши аслии мол
(кор, хизматрасонӣ)»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, №505 «Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)» минбаъд – Қоидаҳо тасдиқ шудааст.

Қоидаҳои мазкур тартиби намунавии ҳисоб намудани арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)-ро дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Ҳисобкунии арзиши аслии мол, ин ҳисобкунии илман асосноккардашудаи арзиши аслии моли субъекти хоҷагидор буда, бо мақсади таъмини инъикоси боэътимоди хароҷот барои дастраскунӣ, коркард, истеҳсол ва фурӯши мол дар муқоиса бо меъёрҳои амалкунанда анҷом дода мешавад.

Ҳисобкунии хароҷот барои истеҳсоли мол, ки ба арзиши аслии мол дохил карда мешавад, унсури ёрирасони ташаккули нархгузорӣ буда, бо мақсади муайян намудани заминаи андозбандӣ, идоракунии истеҳсолот бо дар назар доштани хусусиятҳои он гузаронида мешавад.

Мутобиқ ба талаботи банди 6 Қоидаҳо арзиши аслии моли тайёр самаранокии фаъолияти субъекти хоҷагидорро дар маҷмуъ ифода намуда, арзиши моли нимтайёр дар марҳилаҳои гуногуни тайёршавии он натиҷаҳои кори воҳидҳои алоҳидаи сохтории субъекти хоҷагидорро нишон медиҳад. Бинобар ин, ҳисобкунии арзиши аслии моли тайёр ва нимтайёро ҳамчун раванди ягона баҳо додан зарур аст, ки дар рафти он дақиқкунии маълумот амалӣ гардида, алоқамандии натиҷаҳои истеҳсолот бо истифодабарии захираҳои сарфгардида муқаррар карда

шуда, дар ин замина захираҳои сарфаҷӯӣ ва усулҳои сафарбаркунии онҳо муайян карда мешаванд. Усулҳои ҳисобкунии арзиши аслии мол аз технологияи таъсиррасонӣ ба воситаҳои меҳнат вобаста мебошанд.

Дар бобҳои 2-4 Қоидаҳо хароҷоте, ки ба арзиши аслии мол дохил карда мешаванд, хароҷоте, ки ба арзиши аслии мол дохилнашаванда ва таркиби хароҷоти истеҳсол ва фурӯш муқаррар шудааст. Инчунин тибқи банди 13 Қоидаҳо ҳароҷоте, ки арзиши аслии молро ба вуҷуд меорад, мутобиқи таркиби иқтисодӣ аз рӯйи унсурҳои зерин гуруҳбандӣ мешаванд:

- хароҷоти моддӣ (бо тарҳ кардани арзиши партовҳои бозгашта);
- хароҷот барои музди меҳнат;
- маблағҷудокунӣ ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа;
- истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ.

Дар бандҳои 14-23 Қоидаҳо номгӯйи хароҷоте, ки ба арзиши аслии мол дохил мегарданд ва дар бандҳои 24-29 Қоидаҳо хароҷоте, ки ба арзиши аслии мол тааллуқ надошта ва дохил нашаванда пешбинӣ карда шудааст. Дар замимаи Қоидаҳо намунаи ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) пешбинӣ карда шудааст.

Маврид ба қайд аст, ки мутобиқ ба муқаррароти қисми 1 моддаи 21 Кодекси андоз барои мақсадҳои андозбандӣ ба сифати нархи мол (кор, хизматрасонӣ) нархи воқеие қабул карда мешавад, ки тарафҳои шартнома (бо ҳуҷҷатҳои аслӣ тасдиқшуда, аз ҷумла шартнома, расид, борхат) нишон додаанд, агар ҳамин модда тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Дар ҳолате, ки нархи нишондодашудаи мол (кор, хизматрасонӣ) аз нархи бозорӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 9 ҳамин моддаи Кодекс фарқ кунад ва аз ҷониби андозсупоранда оид ба фарқи нархҳо асосҳои кофӣ пешниҳод нагардад, ҳангоми андозбандии чунин амалиётҳо нархҳои бозорӣ истифода бурда мешаванд.

Тибқи талаботи қисми 9 моддаи 21 Кодекси андоз мақомоти андоз нархҳои бозориро дар ҳолатҳои зерин татбиқ менамоянд, агар:

1) шартнома байни шахсони мутақобилан вобаста ба имзо расонда шуда бошад ва вобастагии мутақобилаи онҳо ба натиҷаҳои чунин шартнома таъсир расонида бошад;

2) уҳдадориҳои тарафҳо тавассути мубодилаи мол (кор, хизматрасонӣ) иҷро гардида бошанд;

3) яке аз тарафҳои шартномаи савдои хориҷӣ мутобиқи моддаи 223 Кодекси мазкур резиденти кишвари дорои андозбандии имтиёзнок бошад;

4) яке аз тарафҳои шартнома аз имтиёзҳои андозӣ истифода намояд;

5) нархи истифодакардаи тарафҳои шартнома аз нархи расмии оморӣ, ки дар санаи наздиктарини таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) ё баъд аз он ташаккул ёфтааст, вале на зиёда аз 30 рӯзи тақвимӣ то ё баъд аз лаҳзаи таҳвили чунин мол (кор, хизматрасонӣ) зиёда аз 30 фоиз фарқ кунад. Муқаррароти мазкур ҳангоми муқоисаи нархҳои яклухт бо яклухт ва чакана бо чакана татбиқ карда мешаванд.

Бинобар ин, бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмиҳо дар ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) ва барои мақсадҳои андозбандӣ истифодаи нархи бозорӣ субъектҳои хоҷагидор уҳдадор мебошанд, ки дар ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)-ро, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, № 505 тасдиқ шудааст, истифода намоянд.

Зимнан, барои мақсадҳои ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ тарҳи хароҷот вобаста ба гирифтани даромад, мутобиқ ба талаботи бобҳои 27-30 Кодекси андоз ба танзим дароварда мешавад.

Барои мақсадҳои андозбандӣ, ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) бо назардошти муқаррароти Кодекси андоз анҷом дода мешавад.

Ҳангоми мухолифати меъёрҳои қарор бо муқаррароти Кодекси андоз, муқаррароти Кодекси андоз ба инобат гирифта мешавад.

Мақомоти ҳудуди андоз вазифадор карда мешаванд, ки вобаста ба мактуби дастурии мазкур ва дар амал дуруст татбиқ намудани Қоидаҳои номбурда бо субъектҳои хоҷагидор корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, муқаррароти қарори номбурдаро ба саъми онҳо расонанд.

Замима: дар ___ саҳифа

Раис Н.Давлатзода